ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ТАШХИСИ

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА –033-юми назди МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" оид ба диссертатсияи номзадии Азимова Умедаҷон Абдумавлоновна дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии лексика ва фразеологияи "Таърихи Байҳақӣ" бо лаҳҷаҳои муосири шимолӣ ва ҷанубии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ-типологӣ.

Комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 033-и назди МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" дар ҳайъати раис Ваҳҳобов Т. – доктори илмҳои филологӣ, профессор; аъзоён Шокиров Т. С. – доктори илмҳои филологӣ, профессор; Абдуқодиров А. – номзади илмҳои филологӣ, профессор оид ба қабул намудани диссертатсияи Азимова Умедаҷон Абдумавлоновна дар мавзӯи "Таҳлили муқоисавӣ-таърихии лексика ва фразеологияи "Таърихи Байҳақӣ" бо лаҳҷаҳои муосири шимолӣ ва ҷанубии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ-типологӣ барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи ҳимоя.

Диссертатсия дар кафедраи забони тоҷикии МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ба иҷро расида, дар ҳамин кафедра муҳокима карда шудааст (қарори № 9-ум аз 03.04.2020).

Диссертатсияи номзадии Азимова Умедаҷон Абдумавлоновна таҳқиқи масъалаи робитаи лексика ва фразеологияи яке аз таърихномаҳои машҳури қарни XI- "Таърихи Байҳақӣ"-и Абулфазли Байҳақиро бо

гӯишҳои муосири шимоливу ҷанубии тоҷикӣ дар бар гирифта, усулҳои пойдормонии дастаи калони калимаву ибораҳои рехтаву устувори он дар гӯишҳои тазаккурёфта бори нахуст ба гунаи муназзам мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Мавриди ёдоварист, ки муаллифи рисола дар заминаи маводи фаровони фактологии гирдовардааш дар ҷараёни таҳлили робитаи забони асари тазаккурёфта бо гӯишҳои муосири шимоливу ҷанубии тоҷикӣ муайян кардааст, ки кулли луғоту ибороти таърихномаи ёдшуда ҳоло дар лаҳҷаҳои номбурда гоҳ бо таҳаввулоти шакл, гоҳ маъно ва гоҳи дигар ҳам шакл, ҳам маъно побарҷо мондаанд.

Ҳадафи асосии пажӯҳиши мазкур ба инъикос карда нашудани робитаи забони таърихномаи Абулфазли Байҳақӣ бо лаҳҷаҳои имрӯзаи шимоливу ҷанубии тоҷикӣ ва ба таври густурда аз назари таҳлил гузаронида нашудани он марбут аст. Муаллиф дар назди худ мақсад гузоштааст, ки усулҳои маҳфузмонии гурӯҳи унсурҳои луғавии таърихномаи Байҳақиро дар лафзи мардуми минтақаҳои шимол ва ҷануби Тоҷикистон нишон диҳад.

Диссертатсияи Азимова Умедаҷон Абдумавлоновна аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқии истифодашуда иборат буда, ҳаҷми умумии он фарогири 165 саҳифаи чопи компутерӣ аст.

Дар муқаддима аҳамият, навигарӣ ва дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсаду ҳадафҳои таҳқиқ, манбаъҳо, навоварӣ, асоси назарӣ ва методи таҳқиқ, нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда нишон дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия -"**Калимаҳои аслии тоҷикии «Таърихи Байҳақӣ» ва ҳифозати онҳо дар лаҳҷаҳои муосири шимолӣ ва ҷанубии тоҷикӣ**" - аз ҳафт фаслу се зерфасл иборат буда, муаллиф дар чунин фаслу зерфаслҳо кӯшидааст, ки силсилаи вожаву ибороти рехтаи

таърихномаи Байҳақиро бо ҳамин гуна аносири луғавии дар лаҳҷаҳои муосири шимоливу ҷанубии тоҷикӣ қиёсу муқобала намояд ва ба ин восита побарҷо мондани онҳоро дар шакли куҳан ва гунаи таҳаввулёфта ошкор кунад.

Муаллифи диссертатсия ба андешаи инъикоснамоии дараҷаи маҳфузмонии навъҳои мухталифи калимаву ибораҳо тарзи таҳлили лексикӣ-грамматикии пажӯҳишро пеш гирифта муайян кардааст, ки дар байни дастаи калони аносири луғавӣ ҳиссаеро вожаҳои мансуб ба исм, қисми дигарро сифат, бархеро шумораву ҷонишин, баъзеро феълу зарф, ҳиссаеро пешоянду пасоянд ва қолабҳои пешояндиву пасояндӣ фаро гирифтаанд.

Таҳлилу қиёс муаллифи диссертатсияро ба бардоште расонидааст, ки аз байни чунин аносири луғавӣ исмҳо аз нигоҳи миқдор ва гурӯҳҳои маъноӣ нисбат ба дигар гурӯҳи унсурҳои луғавӣ бартарӣ дошта, онҳо дар ифодаи номи ашё, узви инсон, асбобу олоти пайкор, номҳои матоъву либос ва хӯрданӣ, ҳайвонот ва монанди инҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Аз баррасии ин масъала муаллиф ба хулосае омадааст, ки пас аз вожаҳои мансуб ба исм то ҳол дар лаҳҷаҳои номбурда маҳфузмонда дар таърихномаи мазкур аносири луғавии мансуб ба феъл дар мавқеи дуюм қарор доранд. Мухталиф будани сохтори ин гуна унсурҳои луғавӣ муаллифро водор кардааст, ки онҳоро ба навъҳои сода, сохта ва таркибии номиву феълӣ ҷудо намуда, корбурдашонро ба як ё чанд маъно дар таърихномаи тазаккурёфта муайян намояд ва нишон диҳад, ки ҳоло дар лаҳҷаҳо дар аксар маврид танҳо яке аз чунин маъноҳо маҳфуз мондаанд.

Муаллифи диссертатсия дар натиҷаи таҳлили ҳиссае аз феълҳои таркибии феълии "Таърихи Байҳақӣ" бо лаҳҷаҳои зикргардида ба бардоште расидааст, ки чунин унсурҳои луғавӣ дар заминаи қолабҳои забонҳои бегона, ба хусус туркӣ арзи ҳастӣ накарда, балки маҳз дар асоси қолабҳои таркибсозии забони тоҷикӣ ба вуҷуд омадаанд. Айни ҳамин гуна ҳукмро муаллиф дар нисбати қолабҳои пешояндиву пасояндӣ карда, бо мисолҳои мушаххас нишон додааст, ки бархе аз онҳо ҳанӯз дар матнҳои забони порсии миёна ба мушоҳида мерасанд.

Боби дуюми диссертатсия **-«Калимаҳои иқтибосии «Таърихи Байҳақӣ» ва ҳифозати онҳо дар лаҳҷаҳои муосири шимолӣ ва ҷанубии тоҷикӣ»-** аз ду фасл ва чаҳор зерфасл фароҳам омада, дар онҳо ду навъи иқтибос: аз забонҳои дигари эронӣ (портӣ) ва ғайриэронӣ (арабӣ) мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

Муаллиф ҳангоми ба риштаи таҳлил кашидани вожаҳои мансуб ба забони портӣ таваҷҷӯҳашро ба нишонаҳои овозии онҳо равона карда таъкид намудааст, ки кулли онҳо дар асл вожаҳои эрониасл мебошанд, аммо дар натиҷаи ба забони портӣ ворид гардидан нишонаҳои овозии ба он забон хосро қабул намуда, бо ҳамин шакл пас аз чанд муддат ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ роҳ ёфтаанд ва то ҳол ба ҳамон шакли қадим ё гунаи тағйирёфта дар лафзи мардуми тоҷик маҳфуз мондаанд. Дар натиҷаи таҳлилу қиёси ин навъи иқтибос бо вомвожаҳои арабӣ муаллиф нишон додааст, ки дар таърихномаи ёдшуда ва лаҳҷаҳои муосири шимоливу ҷанубии тоҷикӣ бештар аносири луғавии мансуб ба забони арабӣ бештар маҳфуз мондаанд.

Дар ин фасли пажӯҳиш низ муаллиф усули таҳлили луғавӣ-грамматикиро пеш гирифта, арабизмҳои дар забони ниёгон, аз ҷумла

“Таърихи Байҳақӣ” мавҷударо ба вожаҳои мансуб ба исм, сифат / зарф, феъл ва унсурҳои ёридиҳанда ҷудо кардааст.

Ба ин тариқ, Азимова Умедаҷон Абдумавлоновна ҳангоми таҳлили чунин воҳидҳои луғавӣ таваҷҷӯҳашро ба он низ равона кардааст, ки ҳиссае аз онҳо на танҳо дар лаҳҷаҳои муосири шимоливу чанубии тоҷикӣ дар шаклҳои ба худ хос боқӣ мондаанд, балки дар забонҳои дигари ҷаҳон низ аз дер инҷониб гардиш доранд; баъзеи чунин вожаҳо ҳам дар таърихномаи зикршуда, ҳам дар гӯишҳои ҳозира серистеъмоланд, вале бархе камистеъмол ҳастанд; қисме аз онҳоро Байҳақӣ танҳо дар як шакл ба кор бурдааст, аммо дар лаҳҷаҳои муосири ишораёфта ба чанд гуна истифода мегарданд, ё, баръакс, дар таърихномаи тазаккурёфта дар чанд шакл, вале дар гӯишҳои муосир дар якчанд мувозӣ мавриди истифода қарор доранд; ин гуна калимаҳо аз лиҳози қаламрави корбурдашон дар давраи ҳозира низ ягона набуда, бархе дар як лаҳҷаи муайян, аммо баъзе дар гурӯҳи лаҳҷаҳо гардиш доранд.

Боби сеюми диссертатсия -“**Ҳифозати воҳидҳои фразеологии “Таърихи Байҳақӣ” дар лаҳҷаҳои муосири шимолӣ ва ҷанубии тоҷикӣ**”- шомили ду фаслу ҳафт зерфасл аст ва чунин фаслу зерфаслҳо вижагиҳои пойдормонии воҳидҳои фразеологии «Таърихи Байҳақӣ» дар лаҳчаҳои муосири шимоливу ҷанубии тоҷикӣ, воҳидҳои фразеологии номӣ (таркибҳои номии фразеологӣ, ҳифзи ибораҳои номии фразеологии таърихномаи тазаккурёфта дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ), нақши калимаҳои соматикӣ ҳамчун вожаҳои меҳварӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологии феълӣ, воҳидҳои фразеологӣ бо вожаҳои мухталиф баррасӣ шудаанд.

Муаллиф дар натиҷаи таҳлили ин масъала ба бардоште расидааст, ки дар лаҳҷаҳои зикргардида дар қиёс ба воҳидҳои фразеологии номӣ

истифодаи ҳамин гуна таъбироти феълӣ аз нигоҳи истифода имтиёз доранд. Ин аст, ки дар фаслҳои ин боб диққати бештари муаллиф ба корбурди чунин ибораҳои таърихномаи Байҳақӣ ва тарзҳои боқӣ мондани онҳо дар лафзи имрӯзаи мардуми шимол ва ҷануби Тоҷикистон равона гардидааст.

Ҳангоми баррасии ин масъала таваҷҷӯҳи муаллифи рисола ба ду навъи чунин ибораҳои рехтаву устувор намудааст: онҳое, ки дар таркибашон вожаҳои соматикӣ чун унсурҳои луғавии меҳварӣ ба кор рафтаанд ва таъбироте, ки аз маҷмӯи вожаҳои мухталиф ташаккул ёфтаанд. Гурӯҳи нахуст, дар навбати худ, ба ду ҳисса: онҳое, ки дар таркибашон вожаҳои ифодакунандаи узвҳои берунӣ мавҷуданд ва ибороте, ки дар чунин вазифа калимаҳои баёнкунандаи узвҳои дохилӣ мустаъмаланд. Аз пажӯҳиши анҷомдодаи муаллиф бармеояд, ки дар байни ҳар ду навъи иборот бархе калимаҳои соматикӣ, амсоли *дил*, *даст* басо фаровон ба кор рафтаанд. Айни чунин воҳидҳои фразеологӣ дар давраи ҳозира низ бо серистеъмолии худ фарқ мекунанд.

Қиёсу муқобала ба муаллифи диссертатсия имкон додааст, ки ду навъи чунин иборотро ошкор намояд: онҳое, ки ба ҷуз таърихномаи Байҳақӣ инчунин дар дигар осори ниёгон ба кор рафтаанд ва онҳое, ки танҳо хоси забони асари мазкур мебошанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот баррасӣ шудааст.

Феҳристи осори таҳқиқӣ дар асоси меъёр ва талаботҳои ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Дар радифи муҳассаноти фаровон дар рисолаи мазкур баъзе нуқсон ва иштибоҳот ба мушоҳида расидаанд:

1.Рисола бо забони хуби илмӣ ва босаводона таълиф шудааст, вале бо вуҷуди он дар саҳифаҳои алоҳида бархе ғалатҳо ба назар мерасанд.

2.Ҳангоми зикри осори таҳқиқӣ муаллиф дар мавридҳои басо кам талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро сарфи назар кардааст.

Эродҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияро кам намекунанд ва зуд ислоҳшавандаанд.

Бо назардошти мубрамии таҳқиқ, навоварии илмӣ, дараҷаи омӯзиши масъала, аҳамияти назариявию амалии диссертатсия ҳайъати комиссияи ташхис ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Азимова Умедаҷон Абдумавлоновна дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии лексика ва фразеологияи "Таърихи Байҳақӣ" бо лаҳҷаҳои муосири шимолӣ ва ҷанубии тоҷикӣ» тадқиқоти комилан анҷомёфта ба шумор омада, ҷавобгӯ ба талаботи Комиссияи Олии Аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд.

Диссертатсияи Азимова Умедаҷон Абдумавлоновна дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии лексика ва фразеологияи "Таърихи Байҳақӣ" бо лаҳҷаҳои муосири шимолӣ ва ҷанубии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ-типологӣ мувофиқ буда, онро ба дифоъ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи ташхис забоншиносони зеринро, ки корҳои илмию тадқиқотияшон ба ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ,

қиёсӣ-типологӣ мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

Муқарризи расмии аввал - доктори илмҳои филологӣ, Сардори раёсати робитаҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мухторов Зайнидин Мухторович

Муқарризи расмии дуюм - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Холшехова Сарвар Аҳмадҷоновна

Муассисаи пешбар – кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ"

Раиси комиссияи ташхиси Шӯрои дифоъ:
доктори илмҳои
филологӣ, профессор **Ваҳҳобов Т**

Аъзои комиссияи ташхиси Шӯрои дифоъ:
доктори илмҳои
филологӣ, профессор **Шокиров Т.С.**

номзади илмҳои
филологӣ, профессор **Абдуқодиров А.**

Имзоҳои ҳайъати комиссияи ташхисро тасдиқ мекунам:
Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA – 033
номзади илмҳои
филологӣ, дотсент **Шарипова М.З.**